Замима
Бо фармоиши раиси
Кумитаи кор бо ҷавонон ва
варзиши назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "11" ноябри соли 2019, №374
тасдиқ шудааст

# Низомномаи
# Ҷоиза барои шуҷоат ва ҷавонмардӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Ҷоиза барои шуҷоат ва ҷавонмардӣ (минбаъд - Низомнома) талабот ва тартиби сарфароз гардонидан ба Ҷоиза барои шуҷоат ва ҷавонмардиро (минбаъд - Ҷоиза) муайян менамояд.

2. Ҷоиза қадршиносии хизматҳои шоиста ва ҷавонмардии ҷавонон дар назди ҷомеа ва давлат ба шумор рафта, барои дастгирӣ, ҳавасмандгардонӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон равона гардидааст.

## 2.ТАЛАБОТ ВА ТАРТИБИ САРФАРОЗ ГАРДОНИДАН БО ҶОИЗА

3. Ҷоиза аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон барои хизматҳои зерин сарфароз гардонида мешавад:

- ҷасорату фидокорӣ дар вазъияти ҷангӣ, ҳолатҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллату давлат ва адои қарзи ҳарбӣ, хизматию шаҳрвандӣ;
- ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар вазъияти барои ҳаёт хатаровар, дар ҳолатҳои шадид, ки бо наҷоти ҳаёти инсон вобаста мебошад (ғарқшавӣ, сӯхтор, офатҳои табиӣ ва ғайра);
- ҳифз ва эмин нигоҳ доштани ҷомеа аз таҳдидҳои ногаҳонӣ, пешгирии амалҳои террористию экстремистӣ ва омилҳои номатлуб;
- барои ҷасорату фидокорӣ, ҳушёрӣ ва ташаббускорӣ ҳангоми боздоштани вайронкунандагони сарҳади давлатӣ, барои кӯмаки фаъолона ба кӯшунҳои сарҳадӣ дар ҳифзи сарҳади давлатӣ;
- корнамоиҳо дар мубориза бо ҷинояткорӣ, ҳолатҳои фавқуллода ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки ба ҳаёту саломатии аҳолӣ ва амнияти ҷамъиятӣ таҳдиди бевосита доранд;
- амалӣ намудани кирдорҳое, ки бевосита бо хавфи аз даст додани ҳаёти шахсӣ алоқаманд буда, бинобар далерӣ, ҷуръат ва нотарсӣ дар ҳолатҳои хатарнок бо мақсади ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ гардидааст.

4. Ҷоиза ба шаҳрвандони синни 14-35 сола Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешавад.

5. Довталаби озмун ҳуқуқи иштирокро то синни 35 дорад.

6. Озмун барои сазовор гардонидан бо Ҷоиза ҳар сол як маротиба гузаронида мешавад.

7. Эълони гузаронидани озмун барои сарфароз гардонидан бо Ҷоиза дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ се моҳ қабл аз баргузории он ба табъ мерасад.

8. Дархост барои сарфароз гардонидан бо Ҷоиза аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва марказии ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешниҳод карда мешавад (замимаи 1).

9. Барои сарфароз гардонидан бо Ҷоиза дар баробари дархост ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- мактуби расмӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ;
- варақаи шахсӣ ва нусхаи шиноснома;
- сурати андозаи 4х6 – 6 адад;
- ҳуҷҷатҳо, аксҳо, наворҳо ва дигар маводҳои тасдиқкунандаи хизматҳои пешбининамудаи Низомнома.

10. Барои гузаронидани озмун, баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва сарфароз гардонидан бо Ҷоиза дар назди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон Комиссия оид ба сарфароз гардонидан бо Ҷоиза барои шуҷоат ва ҷавонмардӣ (минбаъд - Комиссия) аз ҳисоби мутахассисони соҳа, кормандони вазоратҳои корҳои дохилӣ ва мудофиа, намояндаи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳайати на кам аз 9 нафар таъсис дода мешавад.

11. Комиссия дархост ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода, доир ба сарфароз гардонидан бо Ҷоиза ё рад намудан аз сарфароз гардонидан қарор қабул мекунад. Қарори Комиссия бо протокол ба расмият дароварда шуда, ба он раис, котиб ва аъзои Комиссия имзо мегузоранд.

12. Комиссия он вақт ваколатдор ҳисобида мешавад, агар дар ҷаласаи он аз се ду ҳиссаи аъзои он иштирок дошта бошанд.

13. Котиби масъули Комиссия дархост ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурии воридгардидаро дар мӯҳлати муқарраргардида мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, ҳуҷҷатҳоро ба пуррагӣ омода менамояд ва онро барои баррасии минбаъда ба Комиссия пешниҳод менамояд.

14. Дар сурати қабули қарор оид ба сарфароз гардонидан бо Ҷоиза қарори Комиссия бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон тасдиқ карда мешавад.

15. Фармоиши мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон оид ба тасдиқи қарори Комиссия дар воситаҳои ахбори омма нашр мегардад.

16. Асосҳои рад кардан барои сарфароз гардонидан бо Ҷоиза инҳоянд:

- риоя накардани тартиб ва талаботи муқаррарнамудаи Низомнома оид ба пешниҳоди номзад;

- пешниҳод накардан ва ё ба пуррагӣ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои муайянгардида;

- дар ҳолатҳои пешниҳод намудани маълумоти ошкоро бардурӯғ, маводҳои қалбакӣ ё маводҳое, ки дурустии маълумотро зери шубҳа мегузоранд.

17. Дар ҳолати қабули қарор оид ба рад кардан ҷиҳати сарфароз гардонидан бо Ҷоиза аз ҷониби Комиссия ба дархосткунанда сабаб ва омилҳои радкунӣ дар давоми 5 рӯзи корӣ хаттӣ хабар дода мешавад.

18. Дар сурати ошкор гардидани бардурӯғии маълумотҳои пешниҳодгардида, Комиссия оид ба маҳрум намудани шахс аз Ҷоиза қарор қабул менамояд.

19. Қарор оид ба маҳрумнамоӣ аз Ҷоиза бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон тасдиқ карда шуда, дар воситаҳои ахбори омма нашр карда мешавад.

20. Ҳангоми маҳрум кардан аз Ҷоиза шаҳодатномаи он ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон баргардонида мешавад.

21. Шахс бо Ҷоиза мумкин аст баъд аз вафот низ сарфароз гардонида шавад. Шаҳодатнома ҳамчун хотира ва мукофотпулӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони қонунӣ мегузарад.

Агар шахси вафоткарда ворис надошта бошад, Ҷоиза ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон баргардонида мешавад.

22. Дар ҳолати аз ҷониби гурӯҳи шахсон амалӣ намудани хизматҳои пешбининамудаи Низомнома гурӯҳи шахсон, ҳайати кормандон ва ё шахси ҳуқуқӣ бо Ҷоиза сарфароз гардонида мешаванд.

23. Сарфарозгардонӣ бо Ҷоиза дар ҷамъбасти соли ҷорӣ ё дигар санаҳои таърихӣ дар вазъияти тантанавӣ аз тарафи роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон амалӣ карда мешавад.

24. Шахс такроран бо Ҷоиза сарфароз гардонида намешавад. Барои мардонагӣ ва шуҷоатмандии такрорӣ шахс мумкин аст бо ифтихорномаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон барои шуҷоат ва ҷавонмардӣ сарфароз гардонида шавад.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

25. Ба шахсоне, ки барои сарфароз гардонидан бо Ҷоиза сазовор гардидаанд мукофотпулӣ ва шаҳодатнома дода мешавад.

26. Ҳаҷми мукофотпулӣ бо дарназардошти маблағҳои ҷудонамудаи буҷети давлатӣ ҳамасола аз ҷониби Комиссия муқаррар карда мешавад.

27. Дар ҳолати бо Ҷоиза сарфароз гардидани гурӯҳи шахсон мукофотпулӣ дар байни онҳо баробар тақсим гардида, шаҳодатнома ба ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ супорида мешавад.

28. Нусхаи дуюми шаҳодатнома дода намешавад. Ҳангоми гум кардани шаҳодатнома бо қарори роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон нусхаи дуюми шаҳодатнома дода мешавад.